Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 36 саҳ.).

Дар замони имрӯза рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ қабули қонунгузории алоҳида ва таъсиси мақомоти гуногуни давлатиро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ислоҳоти нави низоми идоракунии давлатӣ роҳандозӣ гардида, бо назардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ мақомоти гуногуни иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуданд. Аввалин ислоҳоти фарогир, ки дар низоми идораи давлатӣ таъсири амиқ гузошт, бо қабули фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 4 июли соли 2002, №853 оғоз гардид. Фармони мазкур ба таъсиси навъи нави мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ – мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошта, то имрӯз тамоюли рушди мақомоти мазкур ба назар мерасад.

Таъсиси мақомоти мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи нисбатан нав ба ҳисоб мерафт, зеро таъсиси мақомоти мазкур бо ташкили мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд буда, бо таъсис дода шудани мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти наздипрезидентӣ низ ташаккул ёфтанд. Бинобар ин, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташкил ва фаъолияти мақомоти мазкур муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст. Чунки, таъсис, тасдиқи низомнома, таъйини роҳбар ва муовинон, қабули ҳисоботи

мақомоти мазкур бевосита аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Дар баробари ин, мақомоти мазкур самтҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятиро фаро гирифта, шаклҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ, аз ҷумла, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқмуҳофизавӣ, хизматрасонии давлатӣ, назорати давлатӣ ва ғайраро ба амал мебароранд. Ин ва дигар хусусиятҳо фарқи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ собит менамоянд. Гарчанде, вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузорӣ танзим гардида бошад ҳам, вале базъе муаммоҳо вобаста ба таъйинот ва мавқеи мақомоти мазкур дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷой доранд. Зеро, дар маҷмуъ ва дар алоҳидагӣ мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳое мебошанд, ки мавқеи онҳоро бо дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ зери баҳс қарор медиҳад, вале қонунгузории кишвар посухи амиқи таносуби онҳоро пешбинӣ наменамояд.

Аз ин лиҳоз, масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳқиқбаранда Изатуллозода П.Н. рисолаи илмии худро дар ин хусус омода намудааст, яке аз масъалаҳои мубрам ва саривақтии илми ҳуқуқи маъмурӣ буда, аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз автореферати диссертатсияи Изатуллозода П.Н. бармеояд, ки муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, давраҳои ташаккул, мафҳум ва хусусиятҳо ва тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти мазкурро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин замина, диссертант як қатор нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории кишвар ва такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур аҳаммияти муҳим доранд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси нуктаҳои илмии олимони соҳа, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии

байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ омода гардида, дар заминаи онҳо диссертант таклифҳои илман асосноки худро барои такмили қонунгузорӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилиидоравии мақомоти мазкур ва ҳал гардидани муаммоҳои ҷойдошта дар ин самт пешниҳод намудааст.

Бо назардошти мазмуни автореферат ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи вазифаҳои барои таҳқиқот гузоштташударо диссертант ҳал намуда, ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардидааст. Вале, ба ин нигоҳ накарда, ба назари мо баъзе аз масъалаҳое низ мавҷуданд, ки нисбат ба онҳо диққат додан зарур аст. Аз ҷумла:

1) Таърихи давлатдории халқи тоҷик таҷрибаи чандинасра дорад. Бинобар ин, ба назари мо дар даврҳои гуногуни таърихӣ таҳқиқ намудани таҷрибаи ташкили ин гуна мақомот, ки бевосита ба роҳбари давлат тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буданд, аз аҳаммияти холӣ нест. Аз ин рӯ, хуб мебуд, ки диссертант ташаккули мақомоти мазкурро аз нигоҳи таърихӣ дар замони то Истиқлоли давлатӣ низ таҳқиқ менамуд.

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, танҳо хусусияти назариявӣ дошта, барои нисбатан комил гардидани таҳқиқот мусоидат менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмӣ инъикос гардида, аз он 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Бо хулосагарӣ аз мазмуни автореферати диссертатсия нисбат ба он баҳои мусбӣ додан мумкин аст, зеро муҳаққиқ Изатуллозода П.Н. кори таҳқиқотии худро ба анҷом расонида, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мавриди назарро таҳлил намуда, мавқеи худро вобаста ба масоили баҳснок ва таҳқиқталаби он муайян намудааст. Умуман, диссертатсияи Изатуллозода П.Н. аввалин таҳқиқоти илмии алоҳида ва мукаммал вобаста ба омӯзиш ва таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Изатуллозода П.Н. ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, дар он унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст, ки шоистаи дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Изатуллозода П.Н. шаҳодат медиҳад, ки мавзуи мавриди

назар дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
Сарходими илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баховаддинови АМИТ
доктори илмҳои ҳуқукшиносӣ, профессор Зоир Ҷ.М.

Имзои Зоир Ҷ.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Шозедов Х.Н.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Факс: (+992 37) 221 50 83; Тел: (+992 37) 221 49 33; Сомона: www.anrt.tj

“29” 03 2023 с.